АГЕНТИИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ, МЕТРОЛОГИЯ, СЕРТИФИКАТСИЯ
ВА НОЗИРОТИ САВДОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
(ТОҶИКСТАНДАРТ)

734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2 Тел: (+992 37) 233-68-69, факс (+992 37) 233-44-99
Web: www.standard.tj E-mail: info@standard.tj

№ 03-1285 аз «10» 09 соли 2024

11 10.09.24

Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мавзӯъ: «Баррасии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Регламенти техникии «Талаботи бехатарии иловаҳои хӯроквори̅, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологи̅»-ро барои барраси̅ ирсол менамояд.

Бояд қайд кард, ки лоиҳа бо вазорату идораҳои дахлдор, аз он ҷумла бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа гардида, қабули он қобили дастгири̅ шуморида шудааст.

Бинобар ин, хоҳишмандем лоиҳаи қарори мазкурро аз арзёбии таъсири танзимкунанда гузаронида, хулоса пешниҳод намоед.

Замима:Лоиҳаи қарор бо забони давлатию руси̅ ва маълумотномаи ассосноккуни̅ дар ҳаҷми 4 саҳифа ва шакли электронии лоиҳаи Регламенти техники̅ дар ҳаҷми 620 саҳифа.

Бо арзи эҳтиром,

Муовини директор Рустамзода М.Р.

МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВОРИДОТ № 125/26
«10» 09 с. 2024

Иҷрокунанда: Раёсати бамеъёрдарории техники̅
Тел:233-58-88

Маълумотномаи
асоснoккунии таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Регламенти техникии “Талаботи бехатарии иловаҳои хӯроквори̇, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологи̇”

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Регламенти техникии “Талаботи бехатарии иловаҳои хӯроквори̇, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологи̇” дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бамеъёрдарории техники̇” ва ҷиҳати иҷрои банди 8 Нақшаи кории Шӯрои ҳамоҳангсози̇ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯроквори̇ барои нимсолаи якуми соли 2024, ки аз ҷониби Раиси Шӯро –муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2024, №6/27-2 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Бояд қайд кард, ки солҳои охир бо рушди саноати хӯроквори̇ истеҳсоли иловагиҳои хӯроквори̇, хушбуйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологи̇ ва истифодаи онҳо дар саноати хӯроквори̇ зиёд гардида истодааст. Мақсади асосии таҳияи Регламенти техникии “Талаботи бехатарии иловаҳои хӯроквори̇, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологи̇» ба танзим даровардани меъёрҳои бехатари̇ нисбати истифодабарии иловагиҳои хӯроквори̇ дар маҳсулоти хӯроквори̇ мебошад. Регламенти техникии мазкур равандҳои ҳатмии татбиқ ва таъмини талаботро нисбат ба бехатарии иловаҳои хӯроквори̇, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологи̇, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда мешавад, инчунин ба равандҳои истеҳсол, нигоҳдори̇, интиқол, (боркашони̇), фурӯш, нобудсози̇, тамғагузори̇ ва бастабандии онҳоро муқаррар менамояд.

Айни ҳол, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон стандарти байнидавлати̇ дар ин самт амал менамояд, ки истеҳсолкунандагон аз ин ҳуҷҷатҳо истифода мебаранд. Дар стандартҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии техники̇ на ҳамаи талаботи бехатарии маҳсулот ба танзим даровардa шудааст ва тибқи талаботи қонунгузории соҳаи стандартони̇ интихоби стандарт ва дигар ҳуҷҷати соҳаи стандартони̇ барои истифода ихтиёри̇ мебошад. Аз ин рӯ, барои муқаррар намудани талаботи ҳатмии бехатари̇ Регламенти техникии «Талаботи бехатарии иловаҳои хӯроквори̇, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологи̇» таҳия гардид.

Маҳз, лоиҳаи регламенти техникии мазкур талабот ба раванди истеҳсол, нигоҳдори̇, интиқол, фурӯш ва нобудсози̇, инчунин талабот оид ба тамғагузори̇, бастабанди̇ ва баҳодиҳии мутобиқатро бо мақсади таъмини ҳаракати озоди маҳсулот муқаррар менамояд.

Мавриди зикр аст, ки лоиҳаи регламенти техникии мазкур ба регламенти техникии дар ин самт қабулгардидаи Иттиҳоди гумруки̇ “Технический регламент таможенного союза” ТР ТС 029/2012 “Требования безопасностти пищевых добавок, ароматизаторов и технологических вспомогательных средств” ҳамоҳанг мебошад.

Бояд қайд кард, ки тибқи банди 15 «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқи, санадҳои

меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Регламенти техникии «Талаботи бехатарии иловаҳои хӯроквορӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ» гузаронида шуда, омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар он ошкор карда нашудааст.

Лоиҳаи қарори мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад ва қабули он аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Проект

**Правительство Республики Таджикистан**
**Постановление**

О техническом Регламенте «Требования безопасности пищевых добавок, ароматизаторов и технологических вспомогательных средств»

В соответствии со статьей 8 Закона Республики Таджикистан «О техническом нормировании» Правительство Республики Таджикистан постановляет:

1. Утвердить Технический регламент «Требования безопасности пищевых добавок, ароматизаторов и технологических вспомогательных средств» (прилагается).

2. Агентству по стандартизации, метрологии, сертификации и торговой инспекции при Правительстве Республики Таджикистан совместно с соответствующими министерствами и ведомствами принять необходимые меры по реализации настоящего Технического регламента.

3. Настоящее постановление ввести в действие по истечении шести месяцев после официального опубликования.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

Лоиҳа

# ҚАРОРИ
## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи Регламенти техникии «Талаботи бехатарии иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ»

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Регламенти техникии Талаботи бехатарии иловаҳои хӯрокворӣ, хушбӯйкунандаҳо ва воситаҳои ёрирасони технологӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати амалисозии Регламенти техникии мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

3. Қарори мазкур пас аз шаш моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон